**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ**
**«КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН»**

**ШУЪБАИ МАРКЕТИНГ ВА МЕНЕҶМЕНТИ**
**ФАЪОЛИЯТИ КИТОБДОРӢ**



# РОҲНАМОИ ХОНАНДА

**Душанбе - 2016**

ББК 78.3

**Мураттибон**
**Абубакр Аминов**
**Фаридун Азизов**

**Зери назари**
**доктори илми филология, профессор**
**Сайфиддин Назарзода**

**Муқарриз**
**Маҳмудов Гадобек**

**Роҳнамои хонанда. Дастури тавсиявӣ. – Душанбе: КМТ, 2016. – 40с.**

**© Китобхонаи миллии Тоҷикистон, 2016.**

## САРСУХАН

Китобхонаи миллии Тоҷикистон соли 1933 таъсис ёфта, соли 1934 ба ифтихори 1000-солагии Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ номи ӯро гирифт. Соли 1993 Китобхона мақоми миллиро дарёфт кард.

4 – уми сентябри соли 2007 Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба сохтмони бинои нави Китобхонаи миллӣ оғоз бахшид ва ҳамон рӯзро «Рӯзи китоб» эълон намуд.

Маросими ифтитоҳи бинои нав дар арафаи ҷашни байналмилалии Наврӯз, 20 - уми марти соли 2012 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид.

Китобхона дорои **25** толори хониш барои **1500** ҷойи нишаст, **28 махзан** барои нигоҳдории **10** млн. китоб ва дигар навъҳои асноди иттилоотӣ, **9** маҷлисгоҳ ва толори баргузории ҷаласаву конфронсҳо барои **1200** ҷойи нишаст, **4** толори намоишгоҳи китобҳо, **36** шуъбаву марказҳо буда, **518** воҳиди корӣ дорад. Китобхона асосан дар чаҳор самт фаъолият мебарад: китобнигоҳдорӣ, хониш, хизматрасонӣ ва баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ.

## БАХШИ БАҚАЙДГИРИИ МУШТАРИЁН

Барои сабти номи истифодабарандагон ба узвияти Китобхонаи миллии Тоҷикистон пешниҳоди шиноснома ва ё шаҳодатномаи таваллуд (барои хонандагони хурдсол ва наврас) ҳатмӣ мебошад. Инчунин хонанда бояд маблағи кортро, ки 10 сомонӣ муқаррар шудаст, ба хазинаи муассиса пардохт намояд. Баъдан акси хонанда аз ҷониби кормандони бахши бақайдгири муштариён гирифта шуда, дар баробари маълумоти шиноснома сурати ӯ низ дар корти пластикӣ ҷой карда мешавад.







Бо ин корт хонанда метавонад муддати 3 - сол аз хизматрасониҳои ройгони Китобхона истифода намояд.

Дар сурати гум шудани корти пластикӣ лозим аст, ки хонанда фавран ба масъулони бахши бақайдгирии муштариёни Китобхонаи миллии Тоҷикистон мурочиат намояд.

То имрӯз ба Китобхонаи миллӣ 82758 хонанда аъзо шудааст.

## ШУЪБАИ АБОНЕМЕНТИ БАЙНИ КИТОБХОНАҲО

Абонементи байни китобхонаҳо як шакли хизматрасониест, ки ба хонандагони китобхона имкон фароҳам меорад, ки аз хазинаҳои китобхонаҳои дигар истифода намоянд.

Шуъбаи абонементи байни китобхонаҳо бо китобхонаҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва Китобхонаҳои миллии Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Белорус, Озарбойҷон, Арманистон, Молдова, Русия ва Ӯзбекистон ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мондааст.

**Вазифаҳои асосии шуъба аз инҳо иборатанд:**

- Таъмини пурра ва таъҷилии пешниҳоди ҳуҷҷатҳо аз рӯйи дархостҳои АБК ва расонидани ҳуҷҷатҳо (РҲ) мувофиқи соҳа;
- Талаботи абонементҳоро дар мавриди набудани ҳуҷҷатҳо дар фонди худ аз дигар шуъбаҳои Китобхонаи миллии Тоҷикистон ё китобхонаҳои дигари ҷумҳурӣ қонеъ менамояд.

Хизматрасонӣ тавассути абоненти фардӣ ва гуруҳӣ ройгон аст.



## ШУЪБАИ МАРКЕТИНГ ВА МЕНЕҶМЕНТИ ФАЪОЛИЯТИ КИТОБДОРӢ

Шуъба дар сохтори Китобхонаи миллии Тоҷикистон 6 –уми августи соли 2012 таъсис ёфтааст. Ҳадаф аз таъсиси он омӯзиш ва таҳлили рушди соҳаи китобдорӣ, омӯзиши андешаи мардум оид ба фаъолияти Китобхона ва сифати хизматрасонии он, мустаҳкам намудани пояҳои моддию техникии Китобхона, ҷалб намудани маблағҳои ғайрибуҷетӣ, ташвиқу тағриби фаъолияти Китобхона ва бахшу шуъбаҳои он дар васоити ахбори омма мебошад.

Шуъба дар самтҳои ташкил ва баргузор намудани семинару конфронсҳои дохилӣ ва сатҳи байналмилалӣ, ташкили курсҳои забономӯзӣ, нусхабардории маводҳо, ташкили фурӯши китобҳои тозанашр дар ҳамкорӣ бо нашриётҳо ба комёбиҳои назаррас ноил гардидааст.

Эълон ва гузаронидани рӯзҳои «Дарҳои боз» дар Китобхона иқдоми дигари фаъолияти шуъба буда, дар ин рӯзҳо шаҳрвандону меҳмонони зиёди хориҷӣ оид ба фаъолияти бахшу шуъбаҳои Китобхона, хизматрасониҳои ройгону шартномавии он маълумоти зарурӣ мегиранд.





Ҷиҳати бохабар шудан аз хизматрасониҳои пулакии Китобхона хонандагон метавонанд, ба шуъбаи маркетинг ва менеҷменти фаъолияти китобдорӣ муроҷиат намоянд



## ШУЪБАИ НИГОҲДОРИИ РИСОЛАҲОИ ИЛМӢ

Шуъбаи нигоҳдории рисолаҳои илмӣ моҳи апрели соли 2012 таъсис ёфт ва он дорои 334078 нусха адабиёт аз ҷумла: 500 – нусха китобҳои калонҳаҷм, 1300 - нусха харитаи ҷаҳонӣ, 332176-нусха авторефератҳо, 103 дессертатсияҳо иборат мебошад.

Дар «Толори кормандони илм» китобхонаи шахсии акдемикҳо: **Талбак Назаров**, **Муҳаммадҷон Шакурӣ**, **Раҷаб Амонов**, **Ахрор Мухторов**, **Фозил Тоҳиров** ва адабиётшиноси маъруф **Раҳим Мусулмониён** таъсис гардида, барои истифодаи кулли хонандагони китобхона дастрас мебошад.

Имрӯз аз ин толор кормандони илм, унвонҷӯён бо истифода аз шабакаи байналмилалии Интернет ба беш аз 500000 матни электронии рисолаҳои номзадӣ ва доктории фонди электронии диссертатсияҳои Китобхонаи давлатии Русия дастрасӣ доранд.

## ТОЛОРҲОИ ХОНИШ

***Толори бачагону наврасон***

Толори бачагону наврасони Китобхонаи миллии Тоҷикистон аз моҳи марти соли 2013 фаъолият намуда истодааст. Толори мазкур дорои 50 ҷойи нишаст буда, дар он зиёда аз 4 ҳазор китобу маҷаллаҳои кӯдакона ба забонҳои гуногун ҷамъоварӣ гардидааст. Ба толор кӯдакон ва

наврасони аз сини 5 то 13 сола ташриф меоранд. Шумораи онҳо то имрӯз 4 ҳазору 585 нафарро ташкил медиҳад. Барои бачагону наврасон тамоми шароитҳо фароҳам оварда шуда, мураббиён барои таълиму тарбияи кӯдакону наврасон диққати махсус зоҳир менамоянд.



Инчунин китобҳои электронӣ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, франсавӣ ва олмонӣ мавҷуданд. Барномаҳои таълимию тарбиявӣ ва бозиҳои шавқовари математикию мантиқӣ дар 14 адад компютер насб карда шудааст. Дар толори мазкур ҳаргуна маҳфилҳою вохӯриҳо бо иштироки олимони шинохта, нависандагону шоирони кӯдакона гузаронида мешавад.

Дар синфхонаи алоҳида бо шароитҳои замонавию методҳои нави таълимӣ кӯдакони хурдсолро ба мактаб омода карда, инчунин ба наврасон маҳорати расмкашӣ,



ҳунарҳои дастӣ, забонҳои русию англисӣ таълим дода мешавад.





## ТОЛОРИ ХОНИШ

Толори хониш аз соли 1933 фаъолият намуда, аз моҳи феврали соли 2012 толор зертобеи шуъбаи хизматрасонӣ ба муштариён мебошад. Толор дорои 240 ҷойи нишаст буда, 13-тои он худкор мебошанд.





Вазифаи асосии ин шуъба ба қайди Китобхона ворид намудани хонандагон, бо қоидаҳои истифодабарии китоб, ба имкониятҳои Китобхона шинос намудан ва қонеъ намудани талаботи иттилоотии онҳо мебошад.



## ТОЛОРИ АДАБИЁТИ ХОРИҶӢ

Дар Китобхона аз соли 1956 Шуъбаи адабиёти хориҷӣ фаъолият менамояд, ки фонди он зиёда аз 89000 нусха адабиётро бо 42 забони ҷахон дорост.

Шуъба дархостҳои хонандагонро ба назар гирифта, дар соли 2010 2820 адабиёти хориҷии муосирро харидорӣ намудааст. Дар рӯйхати адабиёти дастрасшуда луғатхои калонҳаҷми дорои калимаҳо ва ибораҳои муосир, барномаҳои таълимӣ, адабиёт барои хониш ва китобҳои нависандагони бузурги хориҷӣ дохил мешаванд .





Дар шуъба феҳристи алифбоӣ ва мураттабӣ, картотекаи маҷаллаҳою рӯзномаҳо ташкил шудааст, ки хонандагон метавонанд бо адабиёти гуногунсоҳаи хориҷӣ шинос шуда, барои хониш ба кормандон дархост пешниҳод намоянд.

Инчунин ҷиҳати бохабар шудани хонандагон аз воридоти китобҳои тозанашр ба фонди шуъба дар бораи китобҳои 18 давлати ҷаҳон гӯшаи намоиши китобӣ ташкил карда шудааст.

Дар нигористони Китобхона маҳсули меҳнати гулдӯзону заргарон ва кулолгарони тоҷик ба намоиш ва фурӯш гузошта шудааст.



## ТОЛОРИ ХОНИШИ ЭЛЕКТРОНӢ

Толори хониши электронӣ зертобеи шуъбаи автоматикунонии раванди кори китобдорӣ буда, аз моҳи марти соли 2012 фаъолият намуда истодааст. Толор аз ду қисмат иборат мебошад. Қисмати аввал барои хонандагони наврас ва қисмати дувум, барои донишҷӯёну омӯзгорон муайян гардидааст. Толори хониши электронӣ дорои 165 ҷойи нишаст аст, ҳамаи компютерҳо ба шабакаи байналмилалии «Интернет» пайваст мебошанд.





Истифодаи интернет барои хонандагони Китобхона ройгон буда, мувофиқи қоидаҳои истифодабарӣ аз хизматрасонии Китобхона тамошои филмҳо ва дохил шудан ба саҳифаҳои иҷтимоӣ (ба ғайр почтаи электронӣ) манъ карда шудааст. Хонандагон метавонанд, танҳо аз сайтҳои иттилоотӣ ва сайтҳои китобхонаҳои электронии дохилию хориҷӣ истифода намоянд.



## ТОЛОРИ МАТБУОТИ ДАВРӢ

Толори матбуоти даврӣ таърихи 80- сола дорад. Соли 1935 бо мақсади ҷамъоварӣ, ҳифзу нигаҳдошт ва дар ихтиёри хонандагон қарор додани рӯзномаву маҷаллаҳои Тоҷикистон ва Иттиҳоди Шӯравӣ дар назди шуъбаи нигоҳдории китоб бахши матбуоти даврӣ ташкил карда шуд.

Бо сабаби ба маротиб афзудани теъдоди нашрияҳо, зиёд шудани иртиботи китобхона бо рӯзномаву маҷаллаҳои дохиливу хориҷӣ ва афзудани таваҷҷуҳи хонандагон соли 1977 бахши матбуотро ба шуъбаи алоҳида ҷудо намуданд.


بخارای شریف
„БУХАРАИ ШАРИФЪ“
„بخارای شریف“



Ҳоло дар хазинаи ин шуъба наздик ба **800 ҳазор нусха** нашрия маҳфуз аст. Дороии нодири Шуъба нашрияҳои солҳои бистум ва сиюми асри Х мебошанд, ки дар қаламрави **Мовароуннаҳр ва Иттиҳоди Шӯравӣ** ба табъ расидаанд. Забони ин нашрияҳо гуногун буда, бештари онҳо бо забонҳои тоҷикӣ ва русианд. Ҳамарӯза муҳаққиқони соҳаҳои забону адабиёт, таъриху фарҳанг, рӯзноманигориву сиёсат, иқтисоду ҳуқуқ ва дигар улуми иҷтимоӣ аз махзани иттилоотии Шуъбаи матбуоти даврӣ барои пешрафти кори илмию адабии худ истифода менамоянд.



## НАМОИШГОҲҲОИ КИТОБХОНА

***Намоишгоҳи китобҳои тозанашр***

Дар намоишгоҳи китобҳои тозанашр зиёда аз 800 нусха адабиёти нав ба намоиш гузошта шудааст. Намоишгоҳ аз 3 - қисмат иборат мебошад.

Дар қисмати аввал адабиёт дар бораи муносибатҳои байналмилалии Тоҷикистон, фаъолияти пурсамари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, инчунин адабиёт доир ба соҳаҳои ҳуқуқ, сохтмон, энергетика ва дар мавзӯи «Об – манбаи ҳаёт» ба забонҳои гуногуни дунё ба намоиш гузошта шуданд.



Қисмати дуюми намоишгоҳро адабиёт оид ба илму маориф ва «Ҷашни байналмилалии Наврӯз» ороишу зебоӣ бахшидааст.

Қисмати сеюми намоишгоҳ аз ҳама васеъ буда, адабиёт доир ба соҳаҳо ва мавзуъҳои гуногун, аз æумла дар бораи таърихи давлатдории тоҷикон, забону адабиёт, осори баргузидаи шоирони классику муосир, корнамоиҳои қаҳрамонони халқи тоæик дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, санъату фарҳанг, фалсафа ва дин ба намоиш гузошта шудааст.

## «ОСОРХОНАИ КИТОБ» - И ШУЪБАИ ДАСТХАТҲОИ ШАРҚ ВА КИТОБҲОИ НОДИР

Нусхаҳои хаттӣ ба унвони муқаддастарин арзишҳои миллӣ барои шинохти таъриху фарҳанги ҳар як миллат, алалхусус мо тоҷикон аҳамияти калон доранд.

Дар Осорхонаи дастхатҳои Шарқ ва китобхои нодир бештар аз 100 нусхаи ҷолиби дастовардҳои хаттию чопи сангии ниёгонамон ба маъраз гузошта шудаанд.







Ин дастхатҳои нодир «Таърихи Табарӣ»-и Абуҷаъфар Муҳаммад ат-Табарӣ, «Дувалронӣ ва Хизирхон»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, «Девон»-и Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, «Маснавии маънавӣ» - и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, «Гулистон»-у Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ, «Ҷодатул-ошиқин»-и Ҳусайни Хоразмӣ, «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ, «Ҳандаса»-и Хоҷа Носируддини Тусӣ, «Чаҳорбоғи гулҳо»-и Муҳаммад Обид ибни Охунди Бухороӣ ва ғайра мебошанд.

Осорхона дастнависҳои асрҳои XIII- XIX ва аввали асри XX китобатшударо дорост.

Ба намоиш гузоштани нусхаҳои хаттӣ барои муаррифии таъриху фарҳанги ниёгон ба меҳмонони дохилию хориҷӣ боиси ифтихору сарфарозист.

## ОСОРХОНАИ МАРКАЗИ КОНУНИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

Осорхонаи маркази Конуни забони тоҷикӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар бораи пайдоиш, раванди рушду такомули хату навиштаҷотҳо ва лаҳҷаву забонҳои қавму халқиятҳои ҳудуди Осиёи Миёна маводҳои арзишмандеро ба маъразы тамошо гузоштааст.

Гӯшае аз ин осорхонаро тасвири навишти хати форсӣ дар 12 - шакл агар оро диҳад, пас гӯшаи дигарро тасвири шохае аз «Дарахти бузурги забон» ва харитаи паҳншавии забонҳо зиннати хосе бахшидааст.







Дар осорхонаи мазкур зиёда 180 – мавод, аз ҷумла намунаи хатҳои авастоӣ, хати бохтарӣ, расмулхати суғдӣ, хати портӣ, алифбои хати суғдӣ ба ӯйғурӣ, намунаи навиштаҷотҳо дар сиккаҳо, намунаи сангнавиштаҳо, намунаи расму тасвирҳои асрҳои XIV – XVII , ки аз дастхатҳои қадимаи «Шоҳнома» - и Абулқосим Фирдавсӣ, «Хамса» - и Амир Хусрави Деҳлавӣ, «Силсилатуз-заҳаб»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигар асарҳои нодир аксбардорӣ шудаанд, ба намоиш гузошта шудааст.



Инчунин дар ин толор доир ба мавзӯҳои сарфу наҳви забони форсӣ-тоҷикӣ, лаҳҷашиносӣ (лаҳҷаи яғнобӣ, язғуломӣ, бартангӣ, шуғнонӣ, ишкошимию вахонӣ), намоиши китобӣ ташкил карда шудааст.

## МАҒОЗАИ ФУРӮШИ КИТОБ

Мағозаи фурӯши китоб бо ташаббуси роҳбарияти Китобхонаи миллии Тоҷикистон ташкил карда шудааст. Дар мағоза китобҳо доир ба соҳаҳои таъриху ҳуқук, забоншиносӣ, адабиёти бадеӣ, тиб, илмҳои дақиқ, муносибатҳои байналмилалии Тоҷикистон, қомусномаҳою луғатҳо, рӯзномаву маҷаллаҳои кӯдакона ва инчунин китобҳо ба забонҳои гуногун, аз қабили русӣ, англисӣ, олмонӣ, арабӣ ба фурӯш гузошта шудаанд.



## НИГОРИСТОНИ КИТОБХОНА

Дар нигористони (галереяи) Китобхона зиёда аз 350 асарҳои рассомӣ, ки дар онҳо табиати зебои Тоҷикистони офтобӣ тасвир ёфтааст, ба намоиш ва фурӯш гузошта шудааст.

Ин мусаввараҳо, ки дар сабкҳои гуногуни санъати рассомӣ офарида шудаанд, махсули тахаюли эҷодии рассомони шинохта Собиров З., Исмоилов О., Олимов Э., Мирзоев З., Меҳтоҷов Д., Қурбонова Л., Суюнов Э., Сангов И., Давлатшоева З., ва дигар рассомони тоҷик мебошанд.



Дар нигористони Китобхона маҳсули меҳнати гулдӯзону заргарон ва кулолгарони тоҷик ба намоиш ва фурӯш гузошта шудааст.











## ТОЛОРҲОИ БАРГУЗОРИИ СЕМИНАРУ КОНФРОНСҲО



Толори асосӣ



Толори зиёфат



Толори 309





Толори 303



Толори 304



Толори 306

## АКСҲО АЗ ЧОРАБИНИҲОИ ФАРҲАНГИИ КИТОБХОНА




Акс аз вохӯрии шоир Муҳаммад Ғоиб бо аъзоёни Китобхонаи миллӣ. Маҳфили «Оламафрӯз»- и Шуъбаи тарғиб ва баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ



Шоирон Кароматуллоҳи Мирзо, Назри Яздон ва хунарманд Шодӣ Муҳаммадҷонов дар сӯҳбати хонандагони дорои имконияташон маҳдуд

Шуъбаи хизматрасонии махсус





Шоира Гулрухсор дар меҳмонии хонандагони дорои имконоташон маҳдуд



Намоишномаи Театри «Лӯхтак» - и ш. Душанбе дар Бахши кӯдакон ва наврасон



Рӯзи «Дарҳон боз» дар Китобхона



Акси кормандони шуъбаи маркетинг ва менеҷменти фаъолияти китобдорӣ хонадагони МТУ № 60 аз вохӯрӣ бо адиби маъруф Алӣ Бобоҷон

*Ҷадвали 1.*

| № | Толорҳои хониш | макон |
|---|---|---|
| 1 | Толори кӯдакон ва наврасон | ошёнаи 1 |
| 2 | Толори хизматрасонии махсус | ошёнаи 1 |
| 3 | Толори хониши электронӣ | ошёнаи 2 |
| 4 | Толори адабиёти техникӣ ва илмҳои дақиқ | ошёнаи 2 |
| 5 | Толори хизматрасонии библиографӣ | ошёнаи 2 |
| 6 | Толори хониш | ошёнаи 2 |
| 7 | Толори дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодир | ошёнаи 4 |
| 8 | Толори нигоҳдории депозиторӣ | ошёнаи 4 |
| 9 | Толори маводи мусаббат (аудиовизуалӣ) | ошёнаи 4 |
| 10 | Толори матбуоти даврӣ | ошёнаи 4 |
| 11 | Толори тиб ва илмҳои табиатшиносӣ | ошёнаи 4 |
| 12 | Толори адабиёти хориҷӣ | ошёнаи 4 |
| 13 | Толори библиографияи миллӣ | ошёнаи 5 |
| 14 | Толори нигоҳдории рисолаҳои илмӣ | ошёнаи 5 |



*Ҷадвали 2*

| № | Намоишгоҳҳои китобхона | макон |
|---|---|---|
| 1 | Нигористони (галереяи) Китобхонаи миллӣ | ошёнаи 1 |
| 2 | Мағозаи фурӯши китобҳо | ошёнаи 1 |
| 3 | Осорхонаи Қонуни забони тоҷикӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ | ошёнаи 2 |
| 4 | Толори намоишгоҳи дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодири КМТ | ошёнаи 3 * |
| 5 | Толои намоишгоҳи китобҳои тозанашр | ошёнаи 3 * |

*Ҷадвали 3*

| № | Марказҳои китобхона | макон |
|---|---|---|
| 1. | Қонуни забони тоҷикӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ | ошёнаи 2 |
| 2. | Маркази нусхабардорӣ | ошёнаи 2 |
| 3. | Маркази тоҷикшиносӣ | ошёнаи 4 |
| 4. | Маркази иттилооти ҳуқуқӣ | ошёнаи 5 |
| 5. | Маркази такмили ихтисос | ошёнаи 5 |

## МУНДАРИҶА


| | |
|---|---|
| Сарсухан | 3 |
| Бахши бақайдгирии муштариён | 4 |
| Шуъбаи абонементи байни китобхонаҳо | 6 |
| Шуъбаи маркетинг ва менеҷменти фаъолиятикитобдорӣ | 7 |
| Шуъбаи нигоҳдории рисолаҳои илмӣ | 9 |
| Толорҳои хониш | 9 |
| Толори бачагону наврасон | 9 |
| Толори хониш | 12 |
| Толори адабиёти хориҷӣ | 13 |
| Толори хониши электронӣ | 15 |
| Толори матбуоти даврӣ | 17 |
| Намоишгоҳҳои Китобхона | 19 |
| Намоишгоҳи китобҳои тозанашр | 19 |
| «Осорхонаи китоб»- и дасхатҳои Шарқ ва китобҳои нодир | 20 |
| Осорхонаи Конуни забони тоҷикӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ | 21 |
| Мағозаи фӯруши китоб | 22 |
| Нигористони Китобхона | 23 |
| Толорҳои баргузории семинару конфронсҳо | 26 |
| Аксҳо аз чорабиниҳои фарҳангии Китобхонаи миллии Тоҷикистон | 27 |



Ба чоп 9.03.2016 супорида шуд. Ба чопаш 14.03.2016 имзо шуд.
Андозаи 60х84 1/16. Ҳаҷми 2 ҷ.н. Қоғази офсетӣ. Чопи офсетӣ
Адади нашр 100 нусха. Супориши №27

ЧДММ-и «Паёми ошно»
ш. Душанбе хмёбони Борбад 75

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ**
**«КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН»**

**ШУЪБАИ МАРКЕТИНГ ВА МЕНЕҶМЕНТИ**
**ФАЪОЛИЯТИ КИТОБДОРӢ**

# РОҲНАМОИ ХОНАНДА

## Дастури тавсиявӣ

***Зери назари***
***доктори илми филология, профессор***
***Сайфиддин Назарзода***

**Душанбе – 2016**